**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**

**Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар,**

**«__» ________ 2026 сол**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзӯи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо ба ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ низ рушд карда, падидаҳои нав барои танзим ва такмили муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Яке аз чунин падидаҳои нав дар илми ҳуқуқшиносӣ мониторинги қонунгузорӣ мебошад.

Дар робита ба мавзуи мазкур то ҳол дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ таҳқиқоти алоҳида ва мукаммал ба назар намерасад. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии масаъалаи мазкур хело ҳам саривақтӣ ва муфид буда,

метавонад ба таҳаввули институти мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ва амалияи тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Мубрамии таҳқиқи падидаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тавассути он вазъи рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ, сатҳу сифати қонунҳо ва амали меъёрҳои ҳуқуқиву қонунгузорӣ баҳогузорӣ мешавад. Мониторинги қонунгузорӣ бахши асосии мониторинги ҳуқуқӣ ба шумор рафта, ҳадафи асосии он такмили фаъолияти қонунгузорӣ ба шумор меравад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Омӯзиши мавзуи мазкур дар илм ба таҳаввул ва ташаккули падидаи нав мусоидат намуда, метавонад бархе аз ҷанбаҳои алоҳидаи он предмети таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ ва таълимӣ гардад.

Муҳиммияти амалии мавзуи мазкур дар такмили қонунгузорӣ инъикос меёбад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки то ҳол дар бархе аз қонунҳо мушкилот вобаста ба ихтилофот, такроршавии меъёрҳо, проблемаҳои ҷиддӣ дар матну забон, истилоҳот, норасоии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайра мавҷуд аст. Маҳз барои ҳалли чунин мушкилот зарурати ба роҳ мондани мониторинги қонунгузорӣ ба миён меояд. Ҳарчанд мониторинги қонунгузорӣ аллакай дар қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти алоҳидаи субъекти ваколатдор вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷорӣ муқаррар карда шудааст, вале то ҳол дар амалия натиҷаҳои назарраси онҳо дар самти мониторингузаронӣ ба назар намерасанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» хело ҳам мавзуи мубрам буда, моҳияти илмиву назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатасия.** Диссертатсия сатҳи баланди асоснокӣ ва эътимоднокӣ дошта, таҳқиқи мавзуи мазкур бар пояи адабиёти зиёди илмии ватаниву хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии милливу байналмилалӣ асос ёфта, хулосаю пешниҳод ва таклифҳои унвонҷӯ асоснок мебошанд. Дар баробари манбаҳои

зикршуда, муаллиф гузоришҳои мақомоти давлатӣ, маълумоти нашрияҳои даврӣ, маводи бойгонӣ ва сомонаҳои интернетӣ, ки фарогири маълумот дар робита ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, васеъ истифода кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои зиёди илмӣ, аз ҷумла усулҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлилӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. ба даст омада, дар заминаи онҳо муаллиф тавонистааст, ки мафҳумҳои мухталифи олимон – ҳуқуқшиносонро оид ба мониторинг таҳлили намояд; сохти дохилии мониторинги қонунгузорӣ, навбандии субъект ва объектҳои онро баррасӣ кунад, муқоисаи тарзи татбиқи мониторинги қонунгузориро дар дигар кишварҳо нишон диҳад, ҷанбаҳои муҳими мониторинги қонунгузорӣ, фарқият, алоқамандӣ, навъбандии шаклҳо ва мақсаду вазифаҳои онҳоро мавриди таҳлил қарор диҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти дисертатсионӣ ҷанбаҳои зиёди назариявӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтас.

Муаллиф асосҳои назариявии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, мафҳуму мақсад ва вазифаҳои онҳоро омӯхта, навъбандии шаклҳои мониторинги ҳуқуқиро баррасӣ кардааст.

Дар таҳқикот муаллиф принсип ва усулҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ ба миён гузошта, асосҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ намудааст.

Ҳамзамон унвонҷӯ мушкилоти амалии гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ мавриди таҳлили қарор гирифта, механизми такмили мониторинги қонунгузорӣ, аз ҷумла субъекту объектҳои онро шарҳ додааст.

Дар диссертатсия муаллиф талаботи мониторинги қонунгузориро асоснок карда, роҳҳои баланд бардоштани самарабахшии онро пешниҳод намудааст;

Дар робита ба мавзуи таҳқиқот унвонҷӯ таҷрибаи бисёр кишварҳои хориҷиро вобаста ба истифодаи мониторинги қонунгузорӣ омӯхта, заминаҳои ҳуқуқӣ, механизм ва фаъолияти субъектҳои ваколатдори он дар дигар давлатҳо нишон додааст.

Ҷиҳати самаранок истифода намудани мониторинги қонунгузорӣ муаллиф тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ барои гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ коркард кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқоти нав, мубрам ва бори аввал омӯхта мешавад. Ҳамаи ҷанбаҳои назариявӣ ва илмии мавзуи таҳқиқот ҳамчун предмети таҳқиқот маҳсуб ёфта, падидаи алоҳидаро дар илми ҳуқуқшиносӣ ташкил медиҳанд. Навовариҳои илмӣ бештар дар пешниҳоди мафҳумҳои илмӣ вобаста ба мониторинги ҳуқуқиву қонунгузорӣ, навъбандии принсипҳо, усулҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, субъект ва объектҳои он зоҳир мегардад, ки дар баробари таҳлили ақида ва назарияҳои олимони дигар, муаллиф дидгоҳ ва нуктаи назари шахсии худро асонок кардааст.

**Аҳамияти илмӣ-назарияӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» моҳияти илмӣ-назариявӣ, амалӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дорад.

Дар робита ба моҳияти илмӣ-назариявӣ мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои нави илми назарияви ҳуқуқ ва давлат ба шумор рафта, ҷанбаҳои дигари мавзуи мазкур метавонад дар алоҳидагӣ баррасӣ карда шуда, назарияҳо ва таълимот вобаста ба мавзуи мазкур ҳамчун манбаи омӯзиш дар ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғ. таълим дода мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот ба истифодаи мониторинги қонунгузорӣ дар амал асос ёфта, дар равандаи таҳияи қонунҳо ва тадбиқи онҳо истифода мешавад. Бо истифода аз ин падида мушкилоти марбут ба фаъолияти қонунгузорӣ ошкор шуда, дар шакли таҳлилҳои қонунгузорӣ натиҷаҳои

мониторинг истифода мешавад. Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди мониторинг қарор гирифта, пайгирии мунтазами онҳо суръат мегирад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асосноку боэътимод, дорои назарияву ақидаҳои арзишманд ва далелнок буда, ба рушду ташаккули ҷанбаҳои гуногуни илм ва амалияи ҳуқуқ, аз ҷумла назарияи ҳуқуқ ва давлат, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳи тадбиқи ҳуқуқ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ мустақилона таҳқиқоти мазкурро анҷом дода, навгониҳо ва нуктаҳои илмиро пешниҳод намудааст.

Ҳамчунин саҳми унвонҷӯ дар таълифи мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зоҳир гашта, дар онҳо масъалаҳои гуногун марбут ба таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ин, асоснокнамоӣ ва сабку услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро дар коркарди масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ ифода мекунад. Ҳамзамон барои тадбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амал, унвонҷӯ дар гуруҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ иштирок кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст. Ҳамчунин, ҳаммуаллифи ду тафсири қонун, як таҳлили қонунгузорӣ, як воситаи таълимӣ, мураттиб, мутарҷим ва муаллифи зиёда аз сад мақолаҳои энсиклопедиву оммавӣ мебошад. Дар

интишироти унвонҷӯ бисёр пахлуҳои мавзуи таҳқиқот мавриди таҳқиқ шудааст. Ба интишороти асосии унвонҷӯ дохзил мешаванд:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Матробов, М.Х. Марказҳои илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун субъекти мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 4 (49). – С. 42-46. ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 1 (49).- С. 16-23. ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Зоир, Ҷ.М., Матробов М.Х. Субъектони мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (60). – С. 21-29. ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Зоир Ҷ.М., Матробов М.Х. Талаботҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – 4(48). – С. 84-88. ISSN 2412-141Х.

**[5-М].** Матробов, М.Х. Ташаккул ва рушди таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 1 (41). – С. 178–181. ISSN2305-0535.

**[6-М].** Матробов, М.Х. Таълимот ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ (масоили назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – № 3 (38). – С. 81-84. ISSN2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Матробов, М.Х. Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Х. Матробов // Паёмшиносӣ. – 2025. – №1(1). – С.139-153. ISSN 3105-8205.

**[8-М].** Қосимов, А.Ф., Матробов М.Х. Маънидодкунии зуҳуроти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва таълимоти маърифати давлату давлатдорӣ дар таҳқикоти

Зоир Ҷурахон Маҷидзода [Матн] / А.Ф. Қосимов, М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқ. – 2025. – №1(1). – С.60-70. ISSN 3105837X.

**[9-М].** Матробов, М.Х. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси ислоҳот дар соҳаи маориф [Матн] / М.Х. Матробов // Паёми Пешвои миллат: қутбнамои рушди миллии кишвар. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2024. Таҳти назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор У.С. Асрорзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2025. – С. 187-190.

**[10-М].** Матробов, М.Х. Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии бешаҳрвандӣ ва таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони бешаҳрванд [Матн] / М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. – 2024. – № 2 (2). – 63-69. ISSN 3105837X.

**[11-М].** Матробов М.Х. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубарми танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024), (24 декабри соли 2024) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. – Д.: «Меҳроҷ-граф», 2024. – С. 84-89. ISBN 978-99985-976-4-2.

**[12-М].** Матробов, М.Х. Санадҳои байналмилалӣ оид ба муқовиммат ба терроризму экстремизм [Матн] / М.Х. Матробов // «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовиммат ба эксремизм ва терроризм: мушкилот ва дурнамо»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (05 апрели соли 2024). – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. – С. 107-116.

**[13-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун шакли нави технологияи ҳуқуқӣ (масъалаҳои назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи V-умин конференсияи байналмилалии

илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 148-152.

**[14-М].** Тоҳиров, Ф.Т., Матробов М.Х. Таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: моҳият ва тадбиқи он дар таърихи давлатдории тоҷикон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / М.Х. Матробов // Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, Шоҳин-С. 2022. – С. 258-269.

**[15-М].** Матробов, М.Х., Одиназода Ш.Х., Исмоилӣ И., Абдуллоев Р. Инъикоси робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии мушкилоти глобалӣ дар Паёми Пешвои Милат ба Маҷлиси Олӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 219-222.

**[16-М].** Матробов, М.Х., Абдуллоев Р. «Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об» [Матн] / М.Х. Матробов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – 2022. – Т. 2. – №2 (24). – С. 91-97.

**[17-М].** Матробов, М.Х. Ташаббусҳои ЮНЕСКО - Дафтари СММ оид ба илм, маориф ва фарҳанг дар самти ҳимояи забонҳои модарӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳукукэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 215-219.

**[18-М].** Матробов, М.Х. Ташаккули ҳукумати электронӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ» [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳукукэҷодкунӣ, 2022. – № 2. – С. 241-245. ISSN 2709-6246.

**[19-М].** Матробов, М.Х. Рушди заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои хайриявию хусусӣ дар даврони истиқлолият [Матн] / М.Х. Матробов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Д., 2017. – №1. – С. 139-141. ISSN 0235 - 0G5X

**III. Тафсир, монография ва воситаҳои таълимӣ:**

**[20-М].** Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода [Матн] / Ҳайати муаллифон // Зери назари директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. / Душанбе, 2025. – 121 с.

**[21-М].** Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: нашри аввал [Матн] / Ҳайати муаллифон // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – 96 с.

**[22-М].** Маҳмадшозода, Ф.А., Матробов М.Х. Исмоилӣ И.И. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / Ф.А. Маҳмадшозода, М.Х. Матробов, И.И. Исмоилӣ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – 92 с.

**[23-М].** Shirinjonov F.F., Matrobov M.Kh. Basics of law [Text] / F.F. Shirinjonov, M.Kh. Matrobov. – Dushanbe, 2014. – 90 p.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи диссертататсия мушаххас карда шудаанд. Ҳамчунин навгониҳо, моҳияти назариву амалӣ, асоснокунӣ ва эътимонокии хуловаву тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ ва асосҳои меъёриву ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

Сохтори диссертатсияи Матробов М.Х. дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариви-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳамоҳанг буда, мутобиқ ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 227 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия **«Тавсифи умумии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ»**-ро ном дошта, дар он мафҳумҳои мониторинги ҳуқуқӣ ва мониторинги қонунгузорӣ, дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқиро тавсиф намудааст. Ҳамзамон мониторинг ҳамчун мафҳуми байналмилалӣ ва умумиилмӣ шарҳ дода шудааст. Ба андешаи муаллиф дар илми ҳуқуқшиносӣ низ ба мониторинг ҳамчун институти нав солҳои охир таваҷҷуҳ зоҳир гашта, алакай дар шаклу намуд ва унсурҳои гуногун дар кишварҳои дигар ташаккул ёфтааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои маъмули «ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқӣ» мавҷуд аст, ки фарогири унсурҳои таркибии худ мебошанд. Мониторинги ҳуқуқӣ низ дар баробари дигар унсурҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ҷузъи асосии онҳо мебошад (с. 22). Ҳамчунин алоқамандӣ, фарқият ва хусусияту нишонаҳои намудҳои мониторинги ҳуқуқиро нишон додааст.

Дар зербобҳои он қайд карда мешавад, ки мониторинги ҳуқуқӣ фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, бо мақсади пайгирӣ ва баҳодиҳиву арзёбии навъҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкуниву ҳуқуқҳифзкунӣ ва ғ. истифода мешавад. Ба маънои дигар, мониторинги ҳуқуқӣ навъи фаъолияти субъекти ваколатдорест, ки ба таҳлил ва баҳодиҳии раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ (риоя ва амалигардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) ва дар маҷмуъ, фаъолияти ҳуқуқӣ равона мегардад. Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти алоҳида аз намудҳои гуногун иборат аст, ки ба онҳо мониторинги қонунгузорӣ, мониторинги ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ғ. дохил мешаванд. Муаллифон истилоҳоти гуногун, аз ҷумла, мониторинги қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ё амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, фазои ҳуқуқӣ, соҳаи ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ, мониторинги фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиддикоррупсионӣ, хатоҳо, низоми ҳуқуқӣ ва ғ. истифода кардаанд (с. 36-37).

Мониторинги қонунгузорӣ дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба пайгирӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди қонун, иттилоотрасонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад. Таркиби мониторинги қонунгузориро ташкил медиҳад: мониторинги ташкили қонунгузорӣ; мониторинги ҳолати қонунгузорӣ; мониторинги иҷрои қонунгузорӣ (с. 51).

**Дар боби дуюм «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** баррасӣ шуда, муаллифи принсип, усул ва асосҳои мониторинги қонунгузориро таҳлил намудааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ принсипҳои мониторинги қонунгузорӣ моҳияти фаъолияти мазкур ва талаботи асосии рафтори субъекти муайянро ҳангоми гузаронидани мониторинг ифода мекунад. Мониторинги қонунгузорӣ ба ду гурӯҳи асосии принсипҳо: умумӣ ва махсус асос меёбанд. Принсипҳои умумӣ асосан қонуният, демократизм, илмият, касбият ва кордонӣ, ошкорбаёнӣ, таҳлили маҷмуӣ (комплексӣ), банақшагирӣ, объективизм ва ғ.-ро дар бар мегирад. Ба принсипҳои махсус ҳатмият, муттасилӣ, низомнокӣ, ҳадафмандӣ, такмилдиҳӣ, фарогирӣ ва ғ. дохил мешаванд (с. 70).

Дар робита ба усулҳо ва воситаҳои амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ қайд карда шудааст, ки усулҳои мониторинги қонунгузорӣ маҷмуи тарзу воситаҳои илман асоснок буда, бо ёрии онҳо иштирокдорони мониторинг кушиш мекунанд, то фаъолияти худро оид ба такмили қонунгузорӣ тавре ба роҳ монанд, ки самаранок бошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мониторинги қонунгузорӣ дар асоси усулҳои умумӣ ва махсус ба роҳ монда мешавад. Дар раванди мониторинги қонунгузорӣ усулҳои умумии назариявии илмии маърифат, ки таҳлил, синтез, муқоиса, абстрактсия, усулҳои индуксия ва дедуксия, пешгуйӣ ва ғ. мавриди истифода қарор мегиранд. Усулҳои махсус аз истифодаи чунин воситаҳои маърифатӣ

иборатанд, ки корбурди онҳо имкон медиҳад хусусияти объекти донишро ошкор карда шавад. Дар мониторинги қонунгузорӣ ба усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои озмоиш (эксперимент)-и ҳуқуқӣ, муқоиса, мушоҳида, пешгуйӣ, таҳлил, экспертиза, усулҳои сотсиологӣ ва ғ. дохил мешаванд. Ҳамчунин, усулҳо вобаста ба мониторинги қонунгузории соҳаҳои алоҳида низ ташаккул меёбанд. Яъне, усулҳои мониторинги қонунгузории ҷиноятӣ, кишоварзӣ, маданӣ, экологӣ ва ғ. мавҷуд аст (с. 89-90).

Дар боби мазкур муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати пурсамар гардонидани мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи он таҳия шуда, усулҳои мазкур дар он пурра инъикос ёбанд ва он ҳамчун дастур барои субъектони мониторинги қонунгузорӣ истифодаи карда шавад (с. 90).

Дар зербоби сеюми боби дуюм асосҳои зиёди меъёрӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ шарҳ дода шудааст. Дар маҷмуъ муаллиф асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро заминаҳои ҳуқуқие мешуморад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, меъёрҳо вобаста ба танзими фаъолияти мазкурро дар бар мегиранд. Доираи ҳуҷҷатҳое, ки асосҳои ҳуқуқиро инъикос менамоянд, аз ҷиҳати мазмун хеле гуногун буда, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои дохилӣ ва ғ. иборатанд. Ба асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардаанд, қонунҳо; фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар заминаи онҳо консепсия, барнома, стратегияҳо қабул шудаанд), паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои зерқонунӣ (тартиб, низомнома, дастурамал ва ғ.) (с. 107).

Дар воқеъ, дар баробари асосҳои мавҷуда, то ҳол барои дуруст ба роҳ мондани мониторинги қонунгузорӣ санади дахлдор вуҷуд надорад. Муаллиф дар пешниҳоди худ қайд мекунад, ки танҳо бо такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва таҳияи санадҳои

зерқонунӣ мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул дода мешавад (с. 107).

Дар боби сеюм **«Механизми мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он»** муаллиф ба шарҳи истилоҳи механизм, механзими ҳуқуқ, механизми танзими ҳуқуқӣ пардохта, ба ин восита механизими мониторинги қонунгузориро коркард кардааст.

Ба назари муаллиф дар амалияи ҳуқуқӣ ҳар фаъолият механизми муайяни худро дошта, ба воситаи он мақсаду вазифаҳо амалӣ мегарданд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, мониторинги ҳуқуқиву қонунгузорӣ ва ғ. низ аз механизми муайян бархӯрдоранд (с. 110).

Ба механизмҳои мониторинги қонунгузорӣ муаллиф унуурҳои асоси он, субъекту объект, воситаҳои амалигардонӣ, нақша ва барномаҳои кориро дохил менамояд.

Яъне, дар маҷмуъ механизми мониторинги қонунгузорӣ низоми ташкилию ҳуқуқиест, ки ба таври мунтазам субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омӯзиши қонунгузории амалкунанда, омода ва татбиқи пешниҳодҳо оид ба такмили он, ҳамчунин дурнамои қабули қонунҳои нав амалӣ мегардонанд (с. 112).

Дар боби мазкур муаллиф ҷадвалҳоро таҳия кардааст, ки барои гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ ва пешбурди он аз рӯи нақша амалӣ карда мешавад. Маҳз нақшаву ҷадвалҳои тартибдодашуда натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсионии муаллифро инъикос намуда, минбаъд барои мақомоте, ки субъекти мониторинги қонунгузорӣ мебошад, муфид хоҳад буд.

Дар боби мазкур муаллиф субъект ва объектҳои мониторинги қонунгузориро тасниф карда, қайд менамояд, ки вобаста ба субъектҳои мониторинги ҳуқуқиву қонунгузорӣ таснифҳои мухталиф вуҷуд дорад. Мониторинги қонунгузориро маъмулан вобаста ба субъект ба мониторинги давлатӣ (аз ҷониби мақомоти давлатӣ) ва мониторинги ҷамъиятӣ (аз ҷониби созмонҳои ҷамъиятӣ) ҷудо менамоянд. Аз рӯйи сатҳи субъектҳо ба ҷумҳуриявию маҳаллӣ тақсим мешаванд (с. 125). Дар ин бахши диссертатсия

муаллиф мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, вазифаҳо ва нақши онҳоро дар амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ таҳлилу баррасӣ кардааст.

Ба объектҳои мониторинги қонунгузорӣ санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ – санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил карда шудаанд.

Ҳамчунин дар боби мазкур муаллиф муҳимтарин талабот ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии мониторинги қонунгузориро баррасӣ карда, ба онҳо мавҷудияти меъёрҳои танзимнамоӣ, истифодаи махзани иттилоотӣ, аз ҷумла, иттилооти иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани доираи таҳлилӣ-баҳодиҳӣ, татбиқи хулосаҳои мониторинг ва истилоҳҳо, мушаххас будани самтҳои мониторинг, мавҷудияти ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ дар робита ба пешниҳоди иттилооту омори расмӣ ва ғ. дохил намудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аҳаммияти муҳими илмиву назариявӣ дошта, таҳлилҳо ва таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад ҳамчун мавзуи таълимии назарияи ҳуқуқ ва давлат ва таҳияи корҳои курсиву рисолаҳои хат истифода гардад. Дар робита ба моҳияти амалии он бояд қайд намуд, ки таҳқиқот маводи муфид барои рушду ташаккули қонунгузории мамлакат, фаъолиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва такмили қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хоҳад буд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Диссертант масъалаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар шакли таҳлилу тафсирҳои қонунгузорӣ ва мақолаҳои илмӣ нашр карда, воба сат ба мавзуи** таҳқиқот 1 таҳлили қонунгузорӣ, 1 воситаи таълимӣ, тафсирҳо ва 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷуқмҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатасия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудаааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, ба масъалаҳои рушди ҳуқуқ бахшида шудаанд. Асоснокнамоӣ ва сабку услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро дар коркарди масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ ифода мекунад. Қобили қайд аст, ки диссертант дар гуруҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ иштирок намудааст.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои имлӣ, ки бо Қарори Ҳуккумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо сабаби он, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масоили мониторинги қонунгузорӣ аввалин таҳқиқот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, дар диссертатсия масъалаҳои зерини баҳснок ва хатоҳои техникиву имлоӣ мавҷуд аст.

1. Дар зербанди 2.1. муаллиф иттилоотрасонии ҳуқуқиро моҳияти мониторинги қонунгузорӣ мешуморад. Аммо иттилоотрасонӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ бештар натиҷа ё вазифаи мониторинг буда метавонанд, на моҳияти

он. Моҳияти асосии мониторинг – ин ошкор кардани норасоиҳо дар қонунгузорӣ ва пешниҳоди роҳҳои ислоҳи онҳост.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд мегардад, ки мониторинг «фаъолияти субъекти ваколатдор» аст. Ин таъриф нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ, донишгоҳҳо ва ниҳодҳои мустақилро дар гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ (мониторинги ғайрирасмӣ) ба назар намегирад.

3. Дар зербанди 3.1. муаллиф марҳилаҳои мониторингро ба «ҷорӣ» ва «фаврӣ» (оперативӣ) ҷудо менамояд. Аммо маъмулан «мониторинги пешакӣ» (экспертиза) номида мешавад. Мониторинги фаврӣ одатан пас аз қабули қонун барои зуд муайян кардани норасоиҳои аввалиндараҷа гузаронида мешавад, на дар вақти таҳияи он.

Дар раванди ҳимояи ошкоро зарур аст, ки муаллиф ба масъалаҳои дар боло зикршуда равшанӣ андозад.

Эродҳои мазкур танҳо ҳамчун тавсия баҳри бартараф намудани камбудҳои дар таҳқиқот ба ҳисоб рафта, наметавонанд аҳаммият ва сатҳи илмӣ-назариявии таҳқиқоти мазкурро коҳиш диҳад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, моҳияти баланди илмӣ дошта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда сазовор мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 8 аз 16 феврали 2026)

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи омоздиҳӣ: “тарафдор” - 12 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ҳ., и. в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорруписионии ДДТТ Ширинҷонов Ф. И.

**Ташхисгар:**
н.и.ҳ., и.в . дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорруписионии ДДТТ Алиев Ф. Ш.

**Котиби ҷаласа:** асситенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорруписионии ДДТТ Бобохониён Д. М.

Имзоҳои Ширинҷонов Ф. И., Алиев Ф. Ш., Бобохониён Д. М.-ро

тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С. С.

**Суроғаи муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ 1/2.
Почтаи электронӣ: mail@ddtt.tj
Сомона: www.tguk.tj

«16» феврали соли 2026